**5.6. [07.00.00] ИЛМҲОИ ТАЪРИХ**
**5.6. [07.00.00] ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**5.6. [07.00.00] HISTORICAL SCIENCES**

**5.6.1. [07.00.02]** ТАЪРИХИ ВАТАН
**5.6.1. [07.00.02]** ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
**5.6.1. [07.00.02]** HOME HISTORY

***ТКБ 327 с.***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-11-18***

## *ОМИЛҲОИ ТАЪРИХИИ ДАЪВАТИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Усмонзода Аюб Ислом,*** *д.и.т., профессор, ректори МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров";* ***Набизода Ваҳоб Машраф,*** *д.и.т., профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ИСТОРИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ СОЗЫВА XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Усмонзода Аюб Ислом,*** *д.и.н., профессор, ректор ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова";* ***Набизода Вахоб Машраф,*** *д.и.н., профессор кафедры отечественной истории и археологии ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

## *HISTORICAL FACTORS OF CONVENING OF THE XVI-TH SESSION OF THE SUPREME COUNCIL OF TAJIKISTAN REPUBLIC*

***Usmonzoda Ayub Islom,*** *Dr. of History, Professor, Rector under the SEI "KhSU named after acad.B. Gafurov,* ***E-mail:****aubislomzoda@mail.com;* ***Nabizoda Vakhob Mashraf,*** *Dr. of History, Professor of the department of home history and archeology under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****v.m.nabiev@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Истиқлолияти давлатӣ, интихобот, нерӯҳои оппозитсионӣ, гирдиҳамоии тӯлонӣ, Ҳукумати муросои миллӣ, ситоди "Наҷоти Ватан", Қасри Арбоб, иҷлосия*

*Дар мақола омилҳои таърихии баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон дар асоси маводи таърихӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мӯътамад вазъи иҷтимоию сиёсии ҷумҳуриро дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX таҳлил намудаанд. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мақсадҳои муғризонаи нерӯҳои демоисломистӣ нишон дода шавад. Таваҷҷӯҳи хоса ба тазоҳуроти сиёсӣ, ташкили Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, ситоди "Наҷоти Ватан" нигаронида шудааст. Қайд шудааст, ки маҳз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ба эътидол овардани ҷумҳуриро тарҳрезӣ намуд ва мардуми кишварро барои расидан ба сулҳу салоҳ ҳидоят намуд.*

***Ключевые слова:*** *государственная независимость, выборы, оппозиционные силы, многодневные митинги, Правительство национального согласия, штаб "Спасение Родины", Дворец "Арбоб", сессия*

*Рассматриваются исторические факторы созыва XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан во Дворце «Арбоб». Авторы на основе исторических материалов, достоверных документов проанализировали социально-политическое состояние республики в начале 90-х годов XX в. Стремились показать нечистоплотные цели демоисламистских сил. Особое внимание направляется освещению политических демонстраций, созданию Правительства национального согласия, штаба "Спасение Родины". Отмечается, что именно XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан способствовала определению пути достижения мира и спокойствия в стране.*

***Key words:*** *state independence, elections, oppositional forces, multi-day rallies, governments of national accord, headquarter of "Salvation of Motherland", Arbob Palace, session*

*The article dwells on the issue concerned with historical factors aimed at convening of the 16th session of the Supreme Council of Tajikistan Republic in Arbob Palace. Designing on the premise of the historical materials, the study of reliable documents, the authors of the article conduct an analysis beset with the socio-political state of the republic appertaining to the early 90-ies of the 20th century. The authors make an endeavor to show the unscrupulous goals of demo-Islamic forces. Particular attention is paid to political demonstrations coverage, the Government of national accord creation and headquarters of "Salvation of Motherland". It is underscored that it was the historical session developed the ways of moderation of the republic and directed the Tajik people to achieve peace and tranquility.*

Раванди сиёсии ибтидои солҳои 90-ум дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ таҳаввулоти бузургеро ба амал оварда буд.

9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон эълон карда шуд. Он ҷумҳуриҳое, ки истиқлолиятро муқаддас шумориданд, ба рушду такомули давлати мустақилашон кӯшиши зиёд намуданд. Дар Тоҷикистон бошад вазъи тамоман дигар ба вуқӯъ пайваст.

Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1990 сар карда, ба гурӯҳҳои ба ном «тарафдорони бозсозӣ» ва «мухолифини бозсозӣ» тақсим шуд. Ҷудоии мардуми Тоҷикистон на танҳо аз рӯи мансубияти миллӣ, балки аз рӯи мансубияти маҳал бештар гардид.

Ҳодисаҳои Тоҷикистон дар радифи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, майли бузурги мардум ба эҳёи арзишҳои миллӣ, афзудани қудрату эътибори дини ислом миёни аҳолии ҷумҳурӣ сурат гирифта, пайваста вусъат меёфтанд. Дар як муддати кӯтоҳ ҳаракати мардумии «Лаъли Бадахшон» ва Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон таъсис ёфта, ба фаъолият пардохтанд.

Дар маъракаи интихоботи умумихалқии Президенти ҷумҳурӣ (ноябри соли 1991) Ҳизбҳои демократ, наҳзати ислом, Ҳаракатҳои мардумии «Растохез», «Лаъли Бадахшон» блоки ягонаи неруҳои демократиро созмон дода, номзади худ Давлат Худоназаровро ба мансаби президентӣ пешбарӣ намуданд.

Дар интихоботи 24-уми ноябри соли 1991 Раҳмон Набиев бо аксари овозҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

Баъди мағлубият дар интихоботи президентӣ Ҳизбҳои демократ ва наҳзати ислом, ҳаракатҳои мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон», Созмони ҷавонони озод дар муносибат ба Ҳукумати Тоҷикистон мавқеи оппозитсияро ишғол карданд.

Тоҷикистон ба давраи навбатии муборизаи сиёсӣ ворид гашта буд.

Мухолифати тарафайн дар навбати худ ба гирдиҳамоии дуру дарози моҳҳои март-майи соли 1992 оварда расонд. Дар ду майдон- «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ду сангари мухталиф ба ҳам муқобил меистод, ки ҳар яке ҳадафи худро дошт. Дар ҳар ду майдон ҷавонони ғаюр, ки дирӯз дар як ҷо мехонданду мезистанд, кор мекарданд ба ҳам теғи назар мекашиданд.

Маҳз дар ҳамин давра истилоҳи «ҷавонони шаҳрӣ» пайдо шуд.

Муқовимати сиёсии миёни ҳизбҳои сиёсиву ҳаракатҳои ҷамъиятии мухолиф ва сохторҳои давлатӣ дар моҳҳои март-майи соли 1992 ба авҷи аъло расид.

Моҳи апрели соли 1992 вазъи Душанбе боз ҳам ноороmтар ва пояҳои ҳокимияти давлатӣ сусттар гардид. Зеро фишори қувваҳои оппозитсионӣ рӯз то рӯз меафзуд; онҳо барои ба ҳукумат задани зарбаи ҳалокатовар омодагӣ медиданд. Ин қувваҳо зиёиёни аз ҳукумат норозӣ, мансабталаб ва ашхоси ҳангомаҷӯро ҳарчӣ бештар ба саҳнаи сиёсат ва гирдиҳамоиҳо ҷалб мекарданд.

Матбуоти ба ном озод ва рӯзноманигорони ташнаи «озодии сухан» дар хидмати неруҳои оппозитсионӣ қарор доштанд. Ҳатто баъзе рӯзномаҳои ҳукуматӣ низ вобаста ба майлу рағбати сиёсӣ ва ё маҳаллии сардоронашон аз таъсири идораи ҳукумат баромада буданд.

Мазмуни асосии матбуоти «демократии» ин давра асосан аз бадгӯиӣ дар бораи Президент, Ҳукумати таъсисдодаи ӯ, роҳбарони Шӯрои Олӣ ва депутатҳои дар мавқеи дифо аз ҳукумат қарордошта иборат буд.

Албатта, дар фаъолияти Р.Набиев, Шӯрои Олӣ ва Ҳукумат камбудиҳо буд. Ба шароити истиқлолияти давлатӣ ва фаъолияти мустақил мутобиқ шудан кори саҳл набуд. Ва аз лиҳози равонӣ як камбудии ҷиддӣ дар сатҳи ҳокимияти давлатӣ ин буд, ки эҳсосу ифтихори истиқлолияти давлатӣ дар тафаккури мақомоти давлатӣ пурра ба вуҷуд наомада буд. Ҳамин камбудӣ монеи фаъолияти мустақил ва боиси эҳтиёткории аз ҳад зиёд гардид, ки он ба бесалоҳиятӣ анҷомид.

Камбудии ҷиддӣ дар кори Шурои Олӣ ин буд, ки зуд-зуд ба қонунҳо, махсусан ба Конститутсияи ҷумҳурӣ тағйирот ворид намуд ва зери фишори гурӯҳҳои алоҳида ва махсусан депутатҳои вобастаи оппозитсия ва гирдиҳамомадагони майдон, роҳбарони Шӯрои Олӣ ба

вазифа таъин ва ё аз он барканор мешуданд. Бо вуҷуди ин Парлумон бар зидди фишори майдон тобоварӣ мекард ва аксарияти депутатҳои халқӣ қатъи назар аз душворӣ ва хавф, мавкеи солими сиёсиро нигоҳ медоштанд.

7-уми майи соли 1992 Протоколи созиш байни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ в созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон ба имзо расид, ки дар он аз ҷумла омадааст:

“Раиси Ҷумҳур ҳамчун кафили ваҳдату якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири раҳоӣ аз бӯҳрони сиёсӣ ва барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ бо назардошти талаботҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ қарор мекунад:

I.Сафороии кунунии нерӯҳои сиёсӣ, миллӣ ва мазҳабиро ба назар гирифта, Ҳукумати муросои миллӣ таъсис дода шавад, ки дорои ҳуқуқу салоҳияти васеъ мебошад. Ҳукумати мазкур дар асоси принсипҳои зерин фаъолият мекунад:

1.Даст кашидан аз зӯроварӣ, яъне эълон мешавад, ки Ҳукумати муросои миллӣ, аввалан, барои пароканда кардани гирдиҳамомадагон силоҳро истифода намекунад ва сониян, аз ҳама гуна таъқиби онон (таъқиби ҷиноӣ, сиёсӣ ва интизомӣ) барои иштирокашон дар гирдиҳамоиҳо худдорӣ мекунад...

2.Омода сохтани заминаҳои давлати миллӣ, ҳуқуқбунёд ва демократии тоҷикон, дахолат накардани давлат ба фаъолияти мазҳабии қозиёт ва низ ба фаъолияти сиёсии давлат дахолат накардани қозиёт.

3. Таъмин кардани баробарии ҳуқуқӣ ва ҳамзистии сиёсии ҳизбҳо, созмонҳо ва ҷунбишҳои мардумӣ, аз ҷумла даст кашидан аз манъи фаъолияти ҳизбу созмонҳо дар сурати амали онҳо дар чаҳорчӯбаи қонун.

4. Таъмин кардани ҳамзистии бародаронаи тамоми мардумони гуногунзабону гуногунмазҳаб, ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурй, ҷамеи халқҳо, аққалияти миллӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

5.Таъмин кардани озодии сухан: фаъолияти озодона ва холисонаи ҳамаи расонаҳои ахбор, аз ҷумла ширкати садою симо, ки низ минбари озод эълон мешавад.

II.Азбаски ҳайат ва ваколатҳои Шӯрои Президентӣ ягон тарафи муқобилро қонеъ намекунад, ин дастгоҳ барҳам дода мешавад ва ба ҷояш Мушовараи Олӣ аз ҳисоби намояндагони обрӯманду салоҳиятдори давлат, дин ва илму фарҳанг ташкил карда мешавад, ки дар ҳузури Президент ва Ҳукумати муросои миллӣ амал мекунад.

III.Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи дифоъ ва Кумитаи садою симо ба Ҳукумати муросои миллӣ тобеъ карда шавад...» [8].

Худи ҳамин рӯз Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Мирзоев, раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон М.Ҳимматзода, раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон Ш.Юсуф, раиси Созмони «Растохез» Т.Абдуҷаббор, раиси созмони «Лаъли Бадахшон» А.Амирбек «Усулҳои иҷрои Протоколи Созишномаи имзошуда»-ро ба тавсиб расониданд[8].

11-уми майи соли 1992 тибқи созише, ки миёни Президент, Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон ҳосил гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Набиев дар бораи ташкили Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармон баровард. Ба ҳайати Ҳукумати муросои миллй 8 нафар намояндаи ҳизбҳои демократй, наҳзати исломӣ, созмонҳои «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон» ворид гардиданд.

Ба ақидаи таҳлилгарон нерӯҳои демократӣ оид ба ин масъала ба хатоӣ роҳ доданд ва инро роҳбарони Ҳизби демократии Тоҷикистон чунин эътироф менамоянд: «Аммо пофишории аз ҳад зиёд дар талаби истеъфои ашхоси ҷудогона, гумони яқин аст, ки дуруст набуд. Чаро, ки вазъро тезу тунд кард ва як сабаби ташкили митинги ҳукуматӣ, дар майдонҳо, дар сангарҳои муқобил қарор гирифтани шаҳрвандон ва дар ниҳоят баҳонаи қонунигардонии яроқ дар ҷумҳурӣ гардид. Нерӯҳои мардумӣ ва дар паҳлӯи онҳо ҲДТ, ки баъди дарёфти созиш бо ҳукумат ва давлат аз майдон рафта буданд, дигар бояд барнамегаштанд. Мутаассифона, ин тавр нашуд, мо вазъиятро, муҳити геополитикии Тоҷикистонро, дараҷаи омодагии сиёсии мардумамонро ба инобат нагирифтем, аз онҳо метавон гуфт сарфи назар намудем ва ба иқтидори худамон берун аз андоза эътимод кардем ва дар натиҷа ба доми дигаре афтоданд, ки иртиҷои соҳибтаҷриба дар роҳашон афканда буд. ҲДТ мебоист он вақт ё ба таври расмӣ аз майдон мерафт ва ё агар аз дасташ меомад, имкон намедод, ки дар майдон ва хориҷ аз он қонуншиканиҳо сурат бигирад.

Дар сиёсат ва дар муборизаи сиёсӣ бағоят хом ва таҷрибаи кофӣ надоштани нерӯҳои миллӣ ва демократии тоҷик на танҳо дар он зуҳур дошт, ки онҳо бидуни мулоҳизаву баррасии зарурӣ ва таҳлилу танқиди зарурии дурнамои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ баъди Раиси ҷумҳур интихоб гардидани Раҳмон Набиев аз ҳама гуна ҳамкорӣ бо ҳукумати вай даст кашиданд, балки дар он низ зуҳур дошт, ки бо ташкили Ҳукумати муросои миллӣ ва бо тағйири сохторҳои поёниву миёнаи он дар маҳалҳо сарфи назар карданд ва ба ҳамин сарнавишти худро бо ду дасти адаб ба ҳарифи ғоявии худ номенклатураи ҳизбию давлатии коммунист супурданд" [3, с.4-5].

Дар тақвияти гуфтаҳои боло раиси вақти Ҳизби наҳзати исломӣ Муҳаммадшариф Ҳимматзода иброз намудааст: "Башар дар корҳояш аз хато ва иштибоҳ наметавонад худро дар амон бидонад. Ҳар касе коре мекунад, хато кардани ӯ аз эҳтимол дур нест. Аз рӯи ин қоида мо ҳам худро аз иштибоҳ ва хато маҳфуз намедонем. Ба назари ман, иштибоҳи асосии мо таҳозуротҳои пай дар пайи соли 1992 буд, ки азҳоби мардумӣ ва исломӣ онҳоро роҳандозӣ карданд. Инро ман ба он хотир намегӯям, ки он вақт раиси ҲНИТ будан ва мухолифи чунин таҳозурот, балки аз он ҷиҳат мегӯям, ки ҳизби мо тасмим гирифта буд ва қарор ҳам қабул карда буд, ки дигар дар ҳеҷ як таҳозурот иштирок намекунад, вале гурӯҳе аз аъзои раёсати ҳизб дар ғиёби раис (ман дар сафари хизмати дар хориҷи Тоҷикистон будам) бар хилофи тасмимҳои қаблан қабул кардаи ҲНИТ устод Нуриро барои пайвастаи ба таҳозурот муттаҳид карданд ва ба таҳозурот ҳамроҳ шуданд. Ман баъд аз ин воқеа дар бисёр мавридҳо ин назари худро иброз доштам" [4].

Моҳи майи соли 1992 бо талаби мухолифин Ҳукумати муросои миллӣ ба фаъолият шурӯъ кард, аммо ба зудӣ маълум гардид, ки аъзои ин Ҳукумат наметавонанд дар сатҳи зарурӣ масъалагузорӣ карда, иҷрои супоришҳои Президентро таъмин намоянд. Ҳамзамон роҳбарияти онвақтаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Раёсати он низ натавонист дар байни ду қутби сиёсии мавҷуда тарафдорони сохти конститутсионӣ аз як сӯ ва тарафдорони исломи бунёдгаро аз сӯи дигар мавқеи худро муайян намояд. Ба замми ин сохторҳои қудратии кишвар бо гӯшзади пуштибонони хориҷиашон дар бораи кадом як "нейтралитет"-и мафҳум ҳарф мезаданд. Кор ба ҷое расид, ки роҳбарияти давлат ба хотири таъмини амнияти иштирокчиёни ҷаласаҳо таҳлилу муҳокимаҳои масъалаҳои ҷиддитарини ҳаёти сиёсии мамлакатро дар пойтахт дар бинои штаби дивизияи 201-уми Вазорати мудофиаи Федератсияи Русия мегузаронд. Қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ аз ин нобасомониҳо моҳирона истифода бурда, кишварро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Баъдтар, вақте ки муқобилистии ярокнок авҷ гирифт, чи аз тарафи роҳбарияти давлат ва чи қумондонҳои саҳроӣ кӯшиш карда шуд, ки масъалаҳоро бо роҳи гуфтушунид ҳал намоянд".

Муқовимат бар зидди Ҳукумат аз ҷониби мухолифин торафт афзуда, онҳо барои эҷоди ташкилоти низомӣ низ бо суръат иқдом намуданд. Бо сардории раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон "Ситоди наҷоти Ватан" ташкил шуд, ки он комилан ғайриқонунӣ буда, ба дастгоҳи истинтоқ табдил ёфт. Роҳбарони "Растохез", Ҳизби наҳзати исломӣ, "Лаъли Бадахшон", Қозиёти ҷумҳурӣ низ ба он шомил шуда, дар якҷоягӣ қувваи амаликунандаи табаддулоти давлатӣ гардиданд.

Моҳҳои июн-июли соли 1992 минтақаи Вахши ҷумҳуриро ҷанги бародаркуш фаро гирифт, ки вазъиятро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тезутунд кард.

Бо мақсади пешгирӣ кардани ҷанги бародаркуш 24-уми июли соли 1992 зиёда аз 80 нафар роҳбар ва намояндаи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳо, намояндагони рӯҳонӣ, роҳбарони комиҷроияҳои вилоятҳои Ленинобод, Қӯрғонтеппа, Кулоб, вилояти мухтори Бадахшон, шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи марказ, Федератсияи иттифоқҳои касаба, қумондонҳои дастаҳои мусаллаҳ, намояндагони гурӯҳҳои ғайрирасмӣ дар шаҳри Хоруғ Созишнома дар бораи сулҳро имзо карданд, ки мувофиқи он ҷонибҳои муқобил ӯҳдадор шуданд, ки дар ҳама ҳудуди ҷумҳурӣ оташбас мекунанд [9]. Мутаассифона, баъди чанд рӯзи имзои Созишнома задухӯрдҳои шадиде ба амал омаданд, ки онҳо боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти молӣ гардиданд. Ҳазорҳо одам ҷои зисти доимиашонро тарк карда, ба ноҳияву вилоятҳои ҳамсоя ва ҳатто ба хориҷи кишвар кӯч бастанд.

Қувваҳои сияҳкор амалиёти ваҳшигарии худро ривоҷ медоданд. Онҳо шаклу усулҳои гуногуни террористиро ба муқобили ҳарифони сиёсии худ истифода мебурданд. Худро дар ин даргириҳо бетараф эълон кардани Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти давлатӣ барои амалӣ гардидани нақшаҳои нопоки онҳо шароити васеъро фароҳам овард. Рӯзи 27-уми августи

соли 1992 як гурӯҳ ҷавонони ниқобпӯш додситони кулли Тоҷикистон, ҳимоятгари қонун Нурулло Ҳувайдуллоевро ваҳшиёна ба қатл расониданд.

Далелҳои муътамад аз он шаҳодат медиҳад, ки қувваҳои иртиҷоӣ баҳри амалӣ гардидани мақсади нопокашон ҷавонони гумроҳро истифода мебурданд.

Аз бесалоҳияти мақомоти қудратӣ истифода бурда, 31-уми августи соли 1992 як гурӯҳ ҷавонони мусаллаҳ таҳти роҳбарии мулло Ғаффор Худойдодов Қасри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғасб карданд. Аъзои Ҳукумат ва кормандони масъули Дастгоҳи Президенти мамлакатро гаравгон гирифта, ба истинтоқи онҳо шурӯъ карданд. Бефарҳангию ҷаҳолатпарастии "ҷавонони душанбегӣ" ба дараҷае расида буд, ки онҳо Парчами давлатии Тоҷикистонро аз болои бинои Қасри Ҳукумат канда партофтанд [5, с.62].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ мегӯяд: "Эълони истиқлолияти комили давлатамон мебоист масъулияти ҳамватанони моро баҳри истеҳком бахшидани пояҳову рукнҳои давлати соҳибихтиёр меафзуд.

Вале, мутаассифона, дар ҷомеа шахсон ва қувваҳои сиёсие зуҳур карданд, ки ин масъулияти таърихиро нодида гирифтанд, ҳадафҳои худхоҳонаву ғаразноки худро аз манфиатҳои умумимиллӣ ва давлатӣ болотар гузоштанд ва Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги гражданӣ кашиданд. Ин ҷанг рушди ҷомеаи моро ба даҳсолаҳо ақиб партофт.

Дар ин айём нахуст Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурии нав ба истиқлолрасида поймол карда шуданд, аввалин Президенти бо роҳи умумихалқӣ интихобшуда бо зӯри силоҳ аз вазифа барканор сохта шуд" [6, с.669].

Ин рафтори ноҷавонмардона 7-уми сентябри соли 1992 дар майдони ҳавоии шаҳри Душанбе ба амал омад. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ва навиштаҳои сардори Маркази робитаҳои ҷамъиятии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саймиддин Ашӯров руҷӯъ менамоем: "Бародарон Сайфулло ва Исмати авулӣ сархӯрони фарзанди фарзонаи миллат буданд. Ба онҳо фарқ надошт ки сайдашон аз куҷост: аз Бадахшон ё Зарафшон, Хатлон е Ҳисор ва ё Қаротегин. Муҳимаш тоҷики соҳибилму соҳибном бошад, шуд...

Исмат Ҳабибуллоев ҳамроҳи бародараш Сайфулло Азимов ба кирдорҳое даст мезаданд, ки мақсад аз онҳо таҳдиду фишор ва зӯроварӣ нисбати ҳокимияти конунӣ буд. Онҳо акнун васеъ бол кушода буданду баландтар парвоз кардан мехостанд. Мехостанд, ки дар кори зӯран аз вазифа барканор кардани Президенти чумҳурӣ Раҳмон Набиев пешқадам бошанд. Ва рӯзи 7-уми сентябри соли 1992 онҳо ба мақсадашон расиданд. Дар ин рӯз бо фишору иштироки бевоситаи онҳо дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе Раҳмон Набиев маҷбуран ба истеъфо «гусел» карда шуд. Баъди ин Исмати авулӣ се рузи расо дар дафтари кории Президент дар ҷойи Раҳмон Набиев нишаст..." [1].

Вале кирдорҳои ноҷавонмардонаи Исмат Ҳабибуллоев мақоли халқии «Намак хӯрда ба намакдон туф кардан»-ро ба хотир меорад. Барои равшанӣ андохтан ба гуфтаи мазкур беҳтараш ба навиштаи С.Сунатулло рӯй меоварем: «Шоми 11 феврали соли 1992 Р.Набиев оиди дусолагии воқеаҳои баҳман аз тариқи симо баромад кард, ки фишурдаи он чунин буд: «Ба мо на ҷустуҷӯи душман, балки ҷустҷӯи роҳҳои ваҳдати миллӣ лозим аст. Роҳи якум роҳи фалокатбор аст. Роҳи дуюм роҳи наҷот мебошад. Мо бояд маҳз бо ҳамин роҳ равем».

Баъди ин номаи саркушод бо Фармони Президент Набиев ҳама маҳбусон дар муддати 15 рӯз аз маҳкама озод карда шуданд. Мо як гурӯҳ рӯзноманигорон бо чанд нафари онҳо сӯҳбат оростем. Аз ҷумла Исмат Ҳабибуллоев нақл кард, ки «Ӯ ва дигар рафиқонашро тайи ду сол муфаттишон дар маҳбас азоб додаанд. Ӯ дар робита ба авфи ҳамаи маҳбусон, ки бегуноҳ буданд ба роҳбари давлат Набиев изҳори миннатдорӣ кард» [10].

Маҳз ҳамин намакзада дар майдони ҳавоии Душанбе ба ҷои арзи сипос нисбат ба Президенти мамлакат Раҳмон Набиев рафторҳои ғайриинсониро раво дид.

Ҳамзамон баъди истеъфои маҷбурии Раҳмон Набиев Ситоди "Наҷоти Ватан" "вазифааш"-ро иҷро намуд.

"Имрӯз маълум шуд, ки СНВ (Ситоди Наҷоти Ватан) – менависад профессор Абдунабӣ Сатторзода, бо вуҷуди кӯшишҳои зиёдаш натавонист ба анҷом бирасонад. Чаро, ки дар Душанбе ва дар ҷойҳои дигар нерӯҳо ва гурӯҳҳое буданд, ки ба фаъолияти СНВ қасдан халал мерасонданд ва аз номи он харобкориҳо мекарданд.

Чӣ ҷои пинҳон намудан, ки оқибат инони ихтиёри СНВ аз дасти роҳбарони он раҳо ёфта буд ва дар сафҳои он одамони тасодуфӣ ва нопок зиёд роҳ ёфта буданд. Бадии кор дар он аст, ки ин

тоифаи мухталиф гоҳо дар даст санадеро доштанд, ки мӯҳри созмони шаҳрии ҲДТ дар Душанберо дошт. Раёсати СНВ оқибат онро мунҳал сохт, вале ин корро вақте кард, ки аллакай кор аз кор гузашта буд. Бо истифода аз ин ҳолати бесарусомонӣ ва харҷу марҷ дар СНВ нерӯҳои манфиатдор ва иртиҷоъ тавонистанд, ки миёни қисме аз шаҳрвандони Тоҷикистон ҳисси нобоварӣ ва бадбиниро нисбат ба оппозитсия ба вуҷуд биёранд ва мардумро аз он дур бисозанд ва ба худ наздик гардонад».

Вазъи ҳамонвақтаи кишварро ёдоварӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамояд:

“...Мақомоте, ки дар он шароит бояд мардумро роҳбариву роҳнамоӣ мекарданд, аз бечуръатӣ бетарафиро ихтиёр карданд.

Дар натиҷа халқ амалан бе роҳбару сарвар, ба холи худ монд. Натиҷаи даҳшатбори дигар ин шуд, ки силоҳ ба таври бенизом ба дасти аҳолӣ, алалхусус ҷавонони бетаҷриба ва баъзе гурӯҳҳои ҷиноятпеша афтод.

Тоҷикистон дар он рӯзҳо киштии шикастаеро мемонд, ки на раҳнамо ва на самти муайяни харакат дошт, мусофирону сарнишинони ин киштӣ дар талвосаи ҷон ва халосӣ аз ин вартаи маргу нобудӣ даступо мезаданд» [7, с.29-30].

Халқи шарифи тоҷик хатари ба сараш омадаро амиқ дарк карда, баҳри фурӯ нишондани оташи ҷанги хонумонсӯз ва фалокатбор ҷонбозиҳо намуд.Саҳари пурфайзу баракатро барои миллати азияткашидаи тоҷик Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум фароҳам овард.

Иҷлосияи мазкур дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ баргузор гардида буд. Сабабҳои дар ин макон баргузор шудани Иҷлосияро Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дақиккорона омӯхта, хулосаи амиқ баровард ва дар ин хусус чунин иброз кард: «Қабл аз ҳама саволе ба миён меояд. ки чаро Иҷлосияи XVI дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе барпо нагашт? Сабаб дар он буд, ки дар Душанбе - шаҳре, ки шоирон ҳанӯз дар гузаштаи на он қадар дур шаҳри дилоро ва зеби дунёяш мехонданд дар он айёми пурошӯб гузаронидани иҷлосия ва умуман ягон ҷаласаи дигар комилан имкон надошт. Пойтахт ба арсаи задухурду кувваҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ғоратгарону муштзӯрон табдил ёфта буд, Тамоми шохаҳои ҳокимият фалаҷ гардида, Конститутсия ва дигар қонунҳо зер по шуда буданд. Бисёр шаҳрвандон, аз ҷумла зиёиён аз бими ҷон шаҳрро тарк карда буданд, чунки ҳеҷ кас амният ва ҳуқуқи онҳоро ҳифз карда наметавонист.

Дар ҳолате, ки чандин нафар вакилони халқ ва аъзои хукумат гаравгон гирифта шуданд, Президенти аз ҷониби халқ интихобшуда зери мили силоҳ дар толори фурудгоҳи шаҳри Душанбе маҷбуран аз вазифа истеъфо дод ва Хукумати мусолиҳаи миллӣ аз ӯҳдаи кор набаромада, истеъфои худро эълон қард, ҳеҷ кас ба оянда нек умед баста наметавонист. Дар мамлакат фазои мудҳишу бенизомиву бесарусомонӣ, беҳокимиятиву анархия ҳукмрон буд, Дар чунин шароити тоқатфарсо касе масъулияти бехатарии вакилони мардумро ба худ гирифта наметавонист. Маҳз аз ҳамин хотир иҷлосия на дар пойтахт, балки дар Хуҷанди бостонӣ баргузор гашт. Ба ҷуз ин, халқ ба Иҷлосияи XVI, ба вакилони худ чашми умед дӯхта буд, бори дигар ба онҳо боварӣ намуда, водор сохт, ки вазъи баамаломадаро танҳо бо роҳи қонунӣ ба эътидол оранд. Зеро, ҳаёту мамоти миллат, тақдири Ватан ва халқ ба паллаҳои тарозу гузошта шуда буд».

Дар тақвияти гуфтаҳои Сарвари давлати тоҷикон собиқ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров ёдоварй менамояд: «Қарор дар бораи баргузории иҷлосияи 16-ум дар Хуҷанд аз ҷониби ман ба тавсиб расида буд. Мо чанд бор кӯшиш кардем, ки дар Душанбе вакилони мардумиро ҷамъ кунем ва ҷаласа гузаронем, вазъияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳуриро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор бидиҳем, мутаассифона, ин кор ба мо даст надод. Баъди имзои ин қарор, мо аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ ва аъзои Садорати ҳукумат истеъфои хешро эълон доштем. Мо танҳо ва танҳо ба хотири нигоҳ доштани парешонии давлату миллат, ба хотири ба даст омадани тинҷиву якдигарфаҳмӣ ба чунин қарор омадем, ки бояд аз вазифа биравем. Бисёре аз вакилони мардумӣ ва иддае аз вазирон ҳам дар Душанбе набуданд. Барои мо лозим буд, ки ҳама дар як ҷо ҷамъ омада, ба истеъфои Президент Набиев баҳои қонунӣ ва ҳуқуқӣ бидиҳем.

Барои дар Хуҷанд муташаккилона гузаронидани иҷлосия мутобиқи қарори Раёсати Шӯрои Олӣ мо як комиссия таъсис дода будем, ки ба он вакили мардумӣ Моёншо Назаршоев сарварӣ мекард. Ман аз вазъи дар Хуҷанд ҳукмрон буда, тавассути Назаршоев ахбор мегирифтам, вале

эҳсос мекардам, ки ҳайати ба Хуҷанд фиристодаи мо бароямон оид ба вазъи он ҷо маълумоти нокифоя медоданд.

Агар иҷлосияи XVI баргузор намешуд ва он ҷо низоми давлату ҳукумат барқарор намегашт, миллату кишвари моро хатари бузурге дунболгар буд, яъне дар оқибати кор давлати мо таназзул меёфт, номи миллати бошарафи тоҷикро бадхоҳонаш чун як қавми террористу экстремисту ҷаллоду хунхоҳ овозаи баҳру бар мекарданд ва миёни ҷомеаи башарӣ ба мазоҳу масхара мекашиданд.

Ва як сабаби ба зери қарори дар Хуҷанд баргузор намудани иҷлосия имзо намудани ман ҳам маҳз дарки ҳамин нуқта буд» [2].

Доир ба ин масъала раиси вақти Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Шодӣ Шабдолов менигорад: «Воқеан ҳам бисёр фазои вазнин буд баргузоршавии иҷлосия, вале мардуми Хуҷанд фазои маънавию амниятиро таъмин карданд барои гузаронидани маҷлис. Мо гурӯҳ-гурӯҳ, дар як ҷо набудем. Мо чанд нафар аз Бадахшон дар «Комбинати шоҳибофӣ» будем, ки кормандонаш моро муҳофизат мекарданд. Офарин ба ҳамонҳо, ки амнияти моро таъмин мекарданд».

Ҳамин тавр, иҷлосияи таърихӣ роҳи ба эътидол овардани ҷумҳуриро тарҳрезӣ намуд ва мардуми Тоҷикистонро барои расидан ба мақсади нек- сулҳу салоҳ ҳидоят намуд. "Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16 то 30 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд доир гардид, - қайд менамояд Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон, иқдоми ғайриоддӣ, ҷасурона ва сарнавиштсоз, инчунин оғози роҳи душвори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳифзи тамомияти арзии Тоҷикистон буд".

## ПАЙНАВИШТ:


1. Акбаршоҳ, Искандаров: Сарвазир Мирзоев ватандӯст ва шахсияти миллӣ / А.Искандаров // Миллат. – 2008. – 27 ноябр.
2. Ашӯров, С. Ҳар кӣ ба душмани халқ равон аст... / С.Ашӯров // Садои мардум. – 2002. – 27 июл.
3. Искандаров, М. Ҳизби демократии Тоҷикистон: Сабаққҳои гузашта ва рисолати ояндаи он / М.Искандаров // Ҳизби демократии Тоҷикистон: Санадҳо, дирӯз, имрӯз ва фардо. – Душанбе, 2000. – С. 13-19.
4. Муҳаммадшариф Ҳимматзода: Иштибоҳ ҳанӯз дар митингҳои 1992 рух дод. (Мусоҳиб А.Мирзоев) // Миллат. – 2009. – 25 июн.
5. Набиев, В.Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол/В.Набиев.–Душанбе:Ирфон,2013.–340 с.
6. Раҳмонов, Э. Суханронӣ ба 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 2001 // Э.Раҳмонов. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. С.665-696.
7. Раҳмонов, Э. Суханронӣ ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 ноябри соли 2002 / Э.Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷ. 5. – С. 25-48.
8. Садои мардум. – 1992. – 9 май.
9. Соглашение о мире // Народная газета. – 1992. – 28 июля.
10. Сунатулло, С. Айбномаи Петкел / С.Сунатулло // Фараж. – 2008. – 29 май.
11. Ҷумҳурият. – 1992. – 9 май.


## REFERENCES:


1. Akbarshoh, Iskandarov: Prime-Minister Mirzoev Is a Patriot and National Figure / Nation. - 2008. November 27.
2. Ashurov, S. Whoever Goes to the People`s Enemy... / S.Ashurov // The Voice of the People. - 2002. July 27.
3. Iskandarov, M. Democratic Party of Tajikistan: Past Lessons and its Future Mission / M. Iskandarov // Democratic Party of Tajikistan: Documents, Yesterday, Today and Tomorrow. - Dushanbe, 2000. - P. 13-19.
4. Muhammadsharif Himmatzoda: Mistake Was Made at 1992 Rallies (Interviewed by A. Mirzoev) // Nation. - 2009. June 25.
5. Nabiyev, V. Creators of Independent Tajikistan / V. Nabiev. - Dushanbe: Cognition, 2013. - 340 pp.

6. Rahmonov, E. Speech on the 10-th Anniversary of Tajikistan Republic Independence, September 8, 2001 // E. Rahmonov. Tajikistan: Ten Years of Independence, National Unity and Creativity. - Dushanbe: Cognition, 2001. - P. 665 - 696.
7. Rahmonov, E. Speech on the Occasion of the 10-th Anniversary of the XVI-th Session of the Supreme Council of Tajikistan Republic, November 15, 2002 / E. Rahmonov // Independence of Tajikistan and National Revival. - Dushanbe: Cognition, 2005. - V. 5. - P. 25-48.
8. The Voice of the People. - 1992. May 9.
9. Agreement on Peace // Narodnaya Gazeta // - 1992. July 28.
10. Sunatullo, S. Accusation Petkel / S.Sunatullo // Faraj. - 2008. May 29.
11. The Republic. - 1992. May 9.